**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Таъмин намудани амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои калидии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва ба ҷой кор таъмин намудани аҳолии деҳот соҳаи картошкапарварӣ нақши калидиро мебозад. Барои ноил гаштан бо чунин ҳадафҳо системаи илман асосноки тухмипарварии картошкаро дар минтақаҳои кӯҳи ба роҳ монда, самаранокии иқтисодии соҳаро баланд бардоштан лозим аст. Шароити иқлиму хоки ноҳияи Лахш барои парвариш ва истеҳсоли ҳосили баланду хушсифати картошка хело мувофиқ мебошад. Зеро унвонҷу Акрамов А.Х. корҳои илмии худро оид ба хусусиятҳои агроэкологи ва селексионии навъҳои нави картошка дар мавзеи Лахши водии Рашт равона намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Кори диссертатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович кори анҷомдодашудаи илмию тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад.

Навгони мавзӯи таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашти Тоҷикистон дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ, селексионӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он ҷараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка ва шароити агроэкологии минтақаи кишт омӯхта шудааст.

Акрамов А.Х. алоқамандии байни аломатҳои гуногуни навъҳои нави картошка дар минтақаи куҳӣ омӯхта, давомнокии давраи нашъунамои онҳо, устоврии навъҳо ба касалиҳо ва дараҷаи таъсиррасонии ҳашаротҳои зараррасон муқаррар намуда, самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошкаро дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи бахр муайян намудааст.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмии муаллиф дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз

сифати тухмӣ, мутобикат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ навъҳо муайян карда шуд.

Акрамов А.Х. оид ба 9 навъи картошка , ки 8- тои онро аз Ҷумҳурии Белорусия ворид намудаанд таҷриба гузаронида, аз байни онҳо 4 навъ; Янка, Вектар, Скарб ва Бриз- ро, ки аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворӣ ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳои зери омӯзиш қарордошта фарқ доштанд, интихоб намуда, ба истеҳсолот тавсия намудааст.

Рисолаи илмӣ дорои ҷанбаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалӣ буда, моҳияти ҳосилнокӣ ва самараноки иқтисодии парвариши навъҳои картошкаро вобаста ба шароити минтақаи парвариш инъикос менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти гузарондашударо ифода намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он Акрамов Абдуҳалим Холович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.05.- Селксия ва тухмипарварии растаниҳои икшоварзӣ мебошад.

Ҷонишини декан оид ба шакли таҳсилоти фосилавии факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.к. Сайдалиев Н.Ҳ.

Имзои Н.Ҳ .Сайдалиев ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрхо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.
15.05.2024

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел.: 907-80-80-83, E-Mail.: saydaliyev@mail.ru